ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

# ИМОМИ АЪЗАМ ВА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ





**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

# ИМОМИ АЪЗАМ ВА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

**ДУШАНБЕ – 2009**

ББК 86.38+87.717
Р - 47

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН.**
**Р – 47.** Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ. – Душанбе, ЭР-граф, 2009. – 36 саҳ.

© Эмомалӣ Раҳмон, 2009

## Имоми Аъзам ва ҳувияти миллӣ

Дар таърихи тӯлонӣ ва пурғановати тамаддуни халқи тоҷик, бахусус давраи исломии он, шахсиятҳо ва нобиғаҳои зиёде ба зуҳур омадаанд, ки дар ташаккулу такомули фарҳанг, ҳувият ва асолати миллӣ нақши беназире боқӣ гузоштаанд. Аз баракати заҳмат ва корномаи пурвусъату башардӯстонаи онҳо сиришти фитрӣ ва ҳувияти таърихию фарҳангии миллат ҳифз шуд ва барои инкишофи ояндаи он заминаи муносиб ба вуҷуд омад.

Ҳар қавму халқ ба арзишҳои таърихии худ ҳамеша ниёзмандии зиёд дорад. Ва ин арзишҳо пайваста ва оқилона барои тарбияи ахлоқию маънавии наслҳо истифода мегардад. Бо роиҷ гаштани ислом барои халқи тоҷик равзана ба ҷаҳони дигаре кушода шуд. Фарҳанги миллӣ бо фарҳанги исломӣ омезиши рангине пайдо кард. Дар навбати худ арзишҳои таърихии халқи тоҷик фарҳанги исломиро боз ҳам ғанӣ гардонданд.

Дар амри хайри эҷоди арзишҳои миллию таърихӣ фарзандони бузурги халқи тоҷик - Имом Исмоили Бухорӣ, Оли Бармак, Яъқуб ва Амри Лайси Саффорӣ, Оли Сомон ва бахусус намояндаи ин хонадони бонангу номус - Исмоили Сомонӣ нақши барҷаста ва бегазанд доранд.

Дар ин силсилаи заррин фарзанди фарзонаи халқи тоҷик Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит низ мақоми хосаеро соҳиб аст.

Корномаи ин шахсияти бузург ва нобиғаи асил дар дунёи илму маонӣ то ба ҳанӯз асрори зиёди нокушуда дорад, ки пажӯҳиши доманадорро тақозо менамояд. То имрӯз сари мавзӯи ватани аҷдодӣ ва насабу куняи ӯ баҳсу мунозираҳо идома доранд. Аммо таъкиди ин ҳақиқат бамаврид аст, ки аксари муаллифони пешин ва муҳаққиқони муосир эътироф намудаанд, ки Имоми Аъзам бидуни шаку шубҳа аслан тоҷике аз сарзамини тамаддунхези Хуросони Бузург, саҳеҳтар гӯем, аз шарқи ин хиттаи бузург будааст, ки дар он ҷо аҷдоди асили тоҷикон зиндагӣ доштанд ва фарҳанги пурбори ҷаҳоншумулро эҷод намуданд.

Муҳимтар аз ҳама асрҳои V-VI марҳилае буд, ки раванди инкишофи тамаддуни халқи тоҷик вусъати тоза гирифта буд. Имоми Аъзам ва аҳли хонадонаш аз ашрофзодагони тоҷик маҳсуб меёфт. Тибқи санадҳои таърихӣ ин хонаводаи шарифу бонуфуз дар хиттаи Кобули таърихӣ ё Бомиён ва мутобиқи баъзе маълумотҳо дар Марв ё шимоли Бохтар иқомат доштааст.

Баъде ки футӯҳоти исломӣ ба самти шарқи Хуросон тавсеа ёфт, дар оғози солҳои 60-уми қарни VII Кобул фатҳ гардид. Бар асари ин бобои Абӯҳанифа – Марзбон, сарвари бонуфузи қавм асир гирифта шуд. Вале ӯ баъдан ба шарофати донишу хиради бузургаш сазовори унвони мавлои қабилаи арабии Банӣ Тайм гардид. Қобили зикр аст, ки ин хонадон бо вуҷуди шароити ниҳоят номусоид ва ногувори рӯзгор хиради модарзодӣ ва азалиро дар замири хеш маҳфуз дошт. Чунин бархурдорӣ аз маърифат то ба давроне мондагор шуд, ки фарзанди Марзбон - Собит ба Куфа нақли макон кард ва дар ин шаҳри форстаборон зиста, сарватманд гардид. Ҳам сармояи илм бардошту ҳам сармояи моддӣ. Қобили зикр аст, ки дар ин шаҳр ориётаборони зиёде умр ба сар мебурданд. Ҳамин буд, ки рӯзу рӯзгори ин мардум ба тақвияти асолату ҳувияти қавмӣ ва таърихии хонадони Собит низ мусоидат намуд.

Бояд таъкид кард, ки солҳои 60-90-уми асри VII барои дини мубини ислом давраи ниҳоят ҳассос буд. Хилофати араб ба давлати бузургтарини давр табдил ёфт, ки он қаламрави васеи музофотӣ ва минтақаҳои пешрафтаи саросари ҷаҳонро фарогир шуда буд. Акнун бинобар таҳаввулоти иҷтимоӣ зарурате пеш омада буд, ки паҳлӯҳои зиёди рӯзгори мардум ба танзим оварда шаванд. Чунин рисолатро танҳо дини мубини ислом бо муқаррароти шаръии худ дар ҳамон давр ба анҷом расонда метавонист. Бинобар ин он ба озмоишу имтиҳони бузурге мувоҷеҳ гардид. Дар ин марҳила китоби осмонии Қуръони Карим ва ҳадисҳои набавӣ дастури бузурги зиндагии мусулмонон гардиданд, вале гузашти рӯзгор масоили зиёд ва нав ба нави иҷтимоиро дар пешорӯи инсонҳо қарор медод. Яъне низоми ҷомеа пайваста ислоҳоту такомулро тақозо дошт. Бесабаб нест, ки муборизаи шадиди динӣ-маънавӣ ва сиёсӣ-иҷтимоӣ ҷараён гирифта, калом, фалсафа ва тасаввуф зуҳур наму-данд.

Маҳз дар чунин даврони сарнавиштсоз дар рӯзи аввали баҳор - Наврӯзи Аҷам дар хонадони Собит фарзанди ягона ва солеҳе ба дунё омад, ки ӯро Нӯъмон номиданд. Ин тифли маъсум, ки аз ибтидо хушманишу дидадаро буд, ҳушманду озода ба камол мерасид. Қуръони Каримро дар айёми наврасӣ ҳифз кард. Улуми дигарро аз устодони маъруф ва фозил фаро гирифт. Баъдан шуғли аҷдодиро пеша намуд. Дар 15-солагӣ ҳамроҳи қиблагоҳи худ ба зиёрати Хонаи Худо мушарраф шуд. Дар фосилаи ин фурсати муносиб бо яке аз саҳобагони Расули Акрам мулоқот намуд ва ин сӯҳбати муфид ӯро аз зумраи тобеин гардонид. Омӯзиши фарогир дар назди фақеҳи машҳур Ҳаммод ибни Сулаймон ӯро ба мартаба расонд.

Ба зудӣ дар зиндагии ӯ гардиши қатъӣ рух дод: ӯ худро батамом ба омӯзиши улуми исломӣ бахшид. Майдони аслии омӯзишу талошҳои ӯ калом буд. Ин замоне буд, ки баҳси каломӣ меҳвари талошҳои илмӣ ва ақлонии уламо маҳсуб меёфт. Аҳли илму маърифат дар маҳфилҳои хеш таҳқиқи каломро ба мавзӯи асосии баҳсу мунозира қарор медоданд. Абӯҳанифа дар онҳо ширкати фаъол ва сухани бикру қотеъи худро дошт. Ҳамин буд, ки дар муддати кӯтоҳ мақоми баландтаринро касб намуд. Бахши умдаи осори ӯ мавзӯоти каломиро дар бар мегирад ва аввалтар аз ҳама нерӯи бузурги тафаккури каломии ӯро ифода мекунад. Устодаш Ҳаммод қабл аз вафоти худ сарварии ҳавзаи илмии Куфаро бар ӯҳдаи Абӯҳанифа вогузор месозад. Аз ин пас давраи камолоти эҷодии Имом фаро мерасад. Дар он айём беш аз 700 нафар шогирд дошт.

Имрӯз замоне фаро расидааст, ки андешаҳо ва ақоиди каломии ин мутафаккири бузург мавриди омӯзиш ва баррасии амиқу ҳамаҷониба қарор гиранд. Ин вазифаи шарафмандонаи муҳаққиқони имрӯза ва оянда аст.

Мо мероси гузаштаи маънавӣ ва шахсиятҳои барӯманди илмӣ, динӣ, адабӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии халқи худро бояд хуб шиносем ва бо истифода аз осори ғанӣ ва боарзиши онҳо ҷомеаи имрӯзаро дар рӯҳияи эҳтиром ба гузаштагон тарбия карда, ба ин васила як давлати озод, обод, орӣ аз таассубу ихтилоф эҷод намоем. Ҷаҳони маънавии ҷавонони худро ғанӣ созем, зероояндаи кишвару давлат

ба шахсият, дониш, ҷаҳонбинӣ ва худшиносии миллии онҳо сахт вобаста мебошад.

Ба эътирофи ҳамагон майдони аслии корномаи бузург ва таърихии Имоми Аъзам  фиқҳ, яъне илми шариат, будааст. Таваҷҷӯҳ ва руҷӯъи ӯ ба фиқҳ амри қонунӣ буд: бо фарогирии амиқ ва комили улуми исломӣ ӯ возеҳан дарк намуд, ки фиқҳ тарзи саҳеҳ ва дурусти муайян намудан ва татбиқ сохтани аҳкоми Қуръон ва суннати Расули Акрам дар ҳаёти уммати исломӣ мебошад, ки бо анбӯҳи азим ва рӯзафзуни масоил, мушкилот ва печидагиҳои иҷтимоӣ ва ақидатӣ-фикрӣ рӯ ба рӯ буд ва ба дастури саҳеҳ  ниёз дошт.

Табиист, ки манбаи бунёдӣ ва асоситарини низоми фиқҳии ислом аҳкоми Қуръон буд, ки шариати исломиро муайян месозад. Вале шинохту дарки саҳеҳи ин аҳком ҷаҳди воқеӣ ва пайвастаро тақозо менамуд. Имом Абӯҳанифа ин амрро беҳтар ва бештар аз дигар муҷтаҳидон дарк намуд ва дар ин ҷода талошу пайкори хастанопазир дошт. Ӯ дар ин росто аз манобеи зиёд исти-фода намуд, аз афроди огоҳ омӯхт, борҳо ба марказҳои муҳими улуми динӣ сафар кард ва дастовардҳои онҳоро мавриди баҳрабардорӣ қарор дод. Имом намунаи ибрат-бахши шахсияти бузурги сидқан мутадайин, худошиносу худотарс гардид. Ӯ бо камоли масъулият ва сидқи комил дар асоси Қуръони Маҷид, аҳодиси набавӣ ва суннати паёмбари ислом рафтор ва иҷтиҳод мекард.

Ҳазрати Имоми Аъзам хислатҳои ҳамида дошт. Кам-сухан буд, озода мегашт. Таърифу худнамоиро дӯст наме-дошт. Насиҳаташ ин буд, ки султони даврро эҳтиром гузоред ва дар пешаш дурӯғ нагӯед. Саховатпеша бошед. Аз сухани ҳақ истиҳола накунед, агарчи дар рӯ ба рӯятон шоҳаншоҳ истода бошад.

Имом Абӯҳанифа равиши дақиқ ва эҳтиёткоронаро дар мавриди суннат ба сифати масдари дуввуми фиқҳи исломӣ ҳамчун қонуни зиндагии мусулмонон интихоб намуд. Ин амр, қабл аз ҳама баёнгари сидқи қалбии ӯ ба суннат буд. Ҳамзамон бояд дар назар дошт, ки он айём ҳанӯз илми ҳадис пурра ташаккул наёфта ва ҳадисҳои саҳеҳ тадвин нагардида буданд. Иловатан, дар шароити шиддати рӯзафзуни муборизаи сиёсӣ ва мухолифатҳои динӣ

имкони амалии тағйиру таъбири носаҳеҳ ва таҳрифи ҳадисҳо мавҷуд буд.

Тавре маълум аст, иҷмоъ ҳамчун ҳукмбарории дастаҷамъии муҷтаҳидон сарчашмаи саввуми фиқҳи исломӣ дониста мешавад. Аммо раванди эътибори мустақилу шаръӣ касб кардани он хеле печида буд ва ин падида дар шароити бархӯрдҳои шадиди фикрӣ ҷараён дошт. Дар ин росто масъалаҳои зиёд, қабл аз ҳама, меъёри возеҳи ҳаққи иҷтиҳод, сифатҳои муҷтаҳид, ҳадди раъй, таҳия ва тасвиби иҷмоъ, мавзӯи баҳсҳои тӯлонӣ буданд. Дар навбати худ иҷмоъ дар шаклгирӣ ва рушди фиқҳи исломӣ ҳамчун низоми фарогир ва муассири ҳуқуқӣ нақши боарзиш ва таърихӣ дошт. Иҷмоъ ба рушди андешаи исломӣ мусоидат намуда, рӯҳияи эҷоду халлоқиятро тақвият бахшида, бунёди илмӣ ва ақлонии низоми фиқҳи исломиро нерӯманд сохт, созандагӣ, пешрафт ва рушдро ба самтҳои муҳими зиндагии иҷтимоии мусулмонон табдил дод. Аз ин ҷиҳат, хидмати Абӯҳанифа дар мавриди он ки ба иҷмоъ аз ҳайси эътибор ҳамчун сарчашмаи қонунгузории исломӣ мақоми мустақил додааст, хеле бузург мебошад.

Барои мо маълум аст, ки тамаддуни исломӣ дар асрҳои IX-X рушду нумӯъ ёфта, ҷомеаи исломӣ ба ҷомеаи пешрафтаи ҷаҳонӣ табдил гардид. Дар ҳамин равия иҷмоъ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифта буд ва «дарҳо»-и иҷтиҳод боз буданд. Бахши фаъолу нерӯманди ҷомеа арзишҳои бузурги пешина ва замонаро азбар карда, дар талоши таъмини мақоми пешоҳангии худ буд. Вале ин воқеиятро наметавон нодида гирифт, ки иҷмоъ бо мушкилоти муайяни айнӣ ва зеҳнӣ рӯ ба рӯ буд.

Аввалан, бинобар ҳассосияти масъалаҳои динӣ дастёбӣ ба иҷмоъ амри ниҳоят мушкил буд. Бахусус дар давроне, ки саҳоба ва тобеин фаъолу эътибори динӣ ва иҷтимоии онон возеҳ ва мусаллам буд.

Дуввум, доираи масоил ва мавзӯоти иҷмоъ нисбатан маҳдуд буд.

Саввум, татбиқ ва амалкарди иҷмоъ барои уммати исломӣ бинобар густариши қаламрави андеша ва шиддати рӯзафзуни

ихтилофу зиддиятҳои ақидатӣ-фикрӣ ва иҷтимоӣ яксон ва умумӣ набуд.

Чаҳорум, ташаккули иҷмоъ ба сифати яке аз сарчашмаҳои муҳимтарини фиқҳи исломӣ дар шароити пайдоиш ва шаклгирии равияҳои мафкуравӣ (калом ва фалсафа) ва соҳаҳои муҳими улуми суннатӣ ба шумули таърих, ҷуғрофия, нуҷум, риёзиёт, тиб ва ғайра ҷараён мегирифт. Ин амр, албатта, ба мазмун, чаҳорчӯбаи мав-зӯот ва хусусиятҳои иҷмоъ таъсири амиқ дошт.

Панҷум, иҷмоъ ифодаи возеҳи зарурати таърихӣ ва ҳаётии посух гуфтан ба таҳаввулоту тағйирот ва падида-ҳои навини иҷтимоӣ буд, ки онҳо мазмуни печида ва норӯшан доштанд ва ин амр таъбиру тафсири айнии онҳоро мушкил месохт.

Бо дарки омилҳои зикршуда ва тақозои рӯзафзуни ҷомеа Имом Абӯҳанифа беш аз пеш ба истифодаи сарчашмаи дигари фиқҳи исломӣ - қиёс даст зад. Дар ҳа-мин замина қиёс ба майдони фарохтар ва васеътари истифодаи далоили мантиқӣ ва ақлонӣ табдил ёфт.

Аз ҳамон давра инҷониб аз чор се ҳиссаи донишҳои марбут ба фиқҳ, ки аз Қуръон ва суннат гирифта шудаанд, ба Имоми Аъзам дахл доранд.

Тавре интизор мерафт, қиёс мавриди баҳс ва ҳатто ихтилофу зиддияти гурӯҳҳои дорои назари хос ва шинохти догматикӣ гардид, ки дар ҳаллу фасли масоили фиқҳӣ онҳо аслан ҷонибдори истифодаи тақлиди зоҳирии аҳкоми Қуръон ва ҳадисҳо буданд. Қиёс бо аҳком ва нукот пайванди табиӣ ва мантиқӣ дошт. Масоиле, ки дар ҳаллу фасли онҳо қиёс мавриди истифода қарор мегирифт, зотан дорои хислат ва мазмуни муштарак, мушобеҳ ва гузашта аз ин ба амалияи иҷтимоӣ ниҳоят наздик буданд.

Бахусус таъкид мебояд намуд, ки сарчашмаи бунёдӣ ва аслии қиёс аҳкоми Қуръон ва ҳадисҳои Расули Акрам аст. Қиёс пайванди зотӣ ва усулии ононро ҳифз намуда, ҳамзамон тобишҳо ва мураккаботи сохтори иҷтимоии башарро бештар ва беҳтар мадди назар мегирифт ва дар танзими паҳлӯҳо ва бахшҳои печидаи он нақши муассир касб менамуд.

Амикрафти рӯзафзуни қиёс дар фиқҳи исломӣ тадриҷан ба он мусоидат кард, ки низоми ташаккул-ёбандаи фиқҳ хислати нисбатан васеътарро касб намояд. Ба шарофати он тамаддуни исломӣ нерӯи азиме гириф-та, осору арзишҳои бузурги башариро аз бар намуд.

Имом Абӯҳанифа бо нубуғ ва заковати фитрии хеш ба дурустӣ дарёфт, ки урфу одат ва анъанаҳои мардумӣ метавонанд сарчашмаи муассири танзими зиндагӣ ва умуман иҷтимоиёти одамон гарданд. Ин арзишҳо ҳосили таҷрибаи тӯлонӣ буда, дар масири таърих бо заковату хиради инсон ва таҳаммулпазирии иҷтимоӣ такмил ёфтаанд. Табиист, ки мазмуни таърихӣ, иҷтимоӣ ва маънавии онҳо мураккаб ва баъзан зиддиятнок аст. Ин асл мазмуни воқеӣ ва возеҳи инсонгароӣ дорад. Онҳо дар мафкураи таърихӣ ва ҷаҳоншиносии иҷтимоии миллату халқиятҳо мақоми боарзишеро соҳиб мебошанд.

Ин воқеият муҳим буд, ки меъёру арзишҳои онҳо аксаран бо усулу арзишҳои динҳои бузурги ҷаҳонӣ, қабл аз ҳама, дини мубини ислом мутобиқ карда мешуданд. Бо дарку шинохти возеҳи ин амр Имоми Аъзам корбурд ва истифодаи васеи ин ниҳодҳои муассири иҷтимоиро салоҳ ва матлуб медонист. Қобили зикри хос аст, ки ин амр омили ниҳоят муҳими ташаккулу густариши мазҳаби ҳанафӣ ва ба як мазҳаби бузургтарини дини ислом табдил ёфтани он гардид.

Корбурди васеи усул, шеваҳо ва ниҳодҳои мазҳаби Имоми Аъзам дар чаҳорчӯби мактаби фиқҳи ӯ нақши муассир ва тӯлонӣ дошт. Ташаккули чунин мактаб аз хидмат-ҳои таърихии Имоми Аъзам аст. Шогирдону намояндагони маъруфи он, қабл аз ҳама имом Абӯюсуф ва имом Муҳам-мади Шайбонӣ, дар гирдоварӣ ва шаклдиҳии низоми ақи-датӣ ва фиқҳии ӯ нақши бузург доштанд. Ба шарофати хид-мати онҳо ин низом ҳифз шуд, побарҷо монд ва такмил ёфт. Ҳамзамон нақши онҳо дар рушди асосҳои фиқҳӣ ва бахусус татбиқи амалии усулу ниҳодҳои он дар арсаҳои гуногуни зиндагии иҷтимоӣ, таърихӣ ва маънавӣ носутурданист.

Ташаккул ва таҳаввули таърихии мазҳаби ҳанафӣ ба зарурати танзими беҳтар ва васеътари умури иҷтимоӣ вобаста буд. Ин ниёзи таърихӣ тадвини ҳадисҳои саҳеҳро амри воқеӣ намуд, ки натиҷаи

матлуби он силсилаи китобҳои ҷомеи ҳадисҳои саҳеҳ буд. Намунаи барҷастаи онҳо «Ҷомеъ-ас-Саҳеҳ»-и фарзанди бузурги халқи тоҷик Имом Исмоили Бухорӣ мебошад. Ин воқеиятро набояд фаромӯш сохт, ки аксари мураттибон ва тадвингарони маҷмӯаҳои мӯътабар ва эътирофшудаи ҳадисҳои саҳеҳ намояндагони халқи тоҷик буданд. Тадвини ин маҷмӯаҳо бунёди динӣ-ҳуқуқии фиқҳи исломӣ ва бахусус мазҳаби фиқҳии ҳанафиро ба таври ҷиддӣ тақвият бахшид.

Маъхазҳои гуногуни таърихӣ гувоҳанд, ки Имоми Аъзам ва мазҳаби фиқҳии ӯ дар ҳифз ва тақвияти асолати қавмӣ-миллӣ, ҳувияти таърихӣ ва арзишҳои фарҳангӣ ва динии халқҳои шомили Хилофати исломӣ нақши бузурги таърихӣ доштанд. Агар имрӯз халқҳои мусулмони дорои асолату ҳувияти том, забон, фарҳанг, урфу одат ва суннату анъаноти хосу нотакрори таърихӣ фаъолияти босамар ва созанда дошта бошанд, пас дар ин амр хидмати арзандаи ин бузургмард ва мазҳаби ӯ хеле хуб возеҳ мегардад.

Хидмати ӯ махсусан дар ҳифз ва тақвияти асолати таърихӣ ва фарҳангии халқи мо бесобиқа бузург ва шоистаи қадрдонист. Давраи зиндагии Имоми Аъзам ва ташаккули мазҳаби фиқҳии ӯ марҳилаи таърихии ниҳоят ҳассос ва нозук маҳсуб мeёфт. Ин давроне буд, ки заминаҳои муносиб барои ташаккул ва инкишофи давлатдории миллӣ мавҷуд набуданд, усул ва арзишҳои миллӣ бо сабаби ривоҷи сиёсати афзалиятхоҳӣ ва моҳиятан империи Хилофат амалан рад мешуданд, ҷараён ва созмонҳои ифротӣ ва тундрави динӣ фаъолияти густурда доштанд, доираҳои бузурги аъёну ашрофи маҳаллӣ усулу арзишҳои фарҳанги ҳокимро пазируфта, асолати миллӣ-таърихии худро аз даст медоданд, асолати халқҳои бостонӣ ва соҳибтамаддун босуръат коҳиш меёфт. Фақат чанд омил, пеш аз ҳама шеваҳои устувори фарҳангӣ-тамаддунӣ ва густаришу тақвияти ҳаракати озодихоҳӣ ба ҳифзи асолати таърихии халқҳои тобеи Хилофат мусоидат менамуданд.

Дар чунин даврони ҳассос Имом Абӯҳанифа забони модарии худ – тоҷикиро ҳамчун забони дуввуми ибодати динӣ, фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ҷоиз даниста, ба хотири ҳифзу нигаҳдошти он асосҳои шаръиро таъмин намуд.

Чунин хидматҳои таърихии Имоми Аъзам исботи возеҳи он аст, ки ислом ба забон ҳамчун зербинои аслии ҳувият ва ҳастии халқу миллатҳо мухолифат надорад. Халқи мо бо иршоду раҳнамоии чунин нобиғаҳо ва бузургони худ забонро ҳамчун гавҳари ноёб дарёфт ва онро бо ҳама васоили имконпазир ҳифз намуд, равнақ бахшид ва шӯҳраи офоқ сохт.

Мақоми баланд касб намудани забони тоҷикӣ омили тақвияти худогоҳӣ ва инкишофи фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик гардид. Қобили таъкид аст, ки пайравии халқи тоҷик аз мазҳаби ҳанафӣ боиси таҳкими ваҳдат ва муттаҳидии он гардида, ба густариши ҷараёнҳои тундрав ва ифротӣ, созмонҳо ва равияҳои ифротӣ монеъ шуд. Имоми Аъзам мефармояд, ки ягонагии пиндор, гуфтор ва кирдори аҳли ҷомеа шарти бақо ва ҳастии ҳар як миллат аст. Зиёда аз он, мазҳаби ҳанафӣ баъзе аркон ва унсурҳои ҳувияту сирати поки миллӣ, қабл аз ҳама, ҳусни ҳамсоягӣ ва ҳамкорӣ, таҳаммулпазирӣ ва меҳмоннавозӣ, эътидол ва донишандӯзиро тақвият бахшид. Мазҳаби ҳанафӣ бо рӯҳ ва мазмуни ҳастии таърихии халқи мо созгор афтод.

Тавре ки маълум аст, мазҳаби ҳанафӣ маҳз тавассути фарзандони фарзонаю рисолатпешаи сарзамини хуршедии Хуросон дар паҳнои васеи Осиёи Марказӣ, Осиёи Хурд, ғарби Чин ва Ҳинди таърихӣ, баъдан тавассути он дар бахше аз Осиёи Ҷанубу Шарқӣ густариш ёфт ва мазҳаби ҳоким гардид. То кунун дар Мисру Сурия, Урдуну Ироқу дигар кишварҳо ҳангоми додани фатво аз аҳкоми мазҳаби ҳанафӣ истифода мебаранд. Мақоми арҷманди ҳанафия сабабгори он шуд, ки анъана, расму оин, арзишҳои писандидаи миллӣ, меъёрҳо ва аркони сохти иҷтимоии ҷомеаи суннатии тоҷикон (бахусус, таҳаммулпазирӣ, фарҳанги ҳамкорӣ, ҳусни муоширату ва равобити ҳасанаи иҷтимоӣ) ва анъанаҳои давлатдории мо дар минтақаҳои таърихан муҳими ҷаҳон тавсеа ёбанд. Ба баракати ин раванд забони тоҷикӣ забони аслии идора, фарҳанг, адаб ва муошират байни халқҳо ва қавмҳои шимолу маркази Ҳинди таърихӣ гардид ва ин мартабаи волои худро муддати тақрибан 700 сол ҳифз намуд. Адабиёти тоҷикию форсӣ дар ин хиттаи бостонӣ ба авҷи худ расид ва Ҳинд то оғози қарни XX маркази

маъруфи адабу фарҳанги тоҷикӣ буд. Шоирони барҷастаи тоҷикзабони Ҳинд – Амир Хусрави Деҳлавӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Зебуннисо, Мирзо Асадуллоҳи Ғолиб ва Муҳаммад Иқбол ифтихори адабиёти оламшумул ва пурғановати мо мебошанд.

Улуми исломӣ, мактабҳои каломӣ, тариқатҳои та-саввуфӣ ва аркони дигари тамаддуни исломӣ аз Ху-росони Бузург дар кишвари Ҳинд низ паҳн гардиданд. Дар ин замина улуми исломӣ, тасаввуф ва адабиёти орифона ба зудӣ васеъ рушд ёфта, натиҷаҳои амалии онҳо баъдан дар Хуросон ва Мовароуннаҳр мавриди истифода қарор гирифтанд. Барои мисол тарҷумаи тоҷикии Қуръон, ки аз ҷониби муфассир ва муҳаққиқи маъруфи Ҳинд шоҳ Валиуллоҳи Деҳлавӣ дар асри XVIII анҷом дода шуд, бинобар саҳеҳ, сода, равон ва хушоҳанг буданаш на фақат дар Ҳинд, балки дар Осиёи Марказӣ, Эрон ва Осиёи Ғарбӣ низ васеъ паҳн гардид. Гузашта аз ин, он дар садри тарҷумаҳои зиёди тоҷикии Қуръони Карим қарор гирифт. Ва ниҳоят дар даврони истиқлолияти миллии мо таҳия, тарҷума ва чопи Қуръони Карим ба забони тоҷикӣ анҷом пазируфт, ки он ҳоло ба китоби рӯидастии шаҳрвандони кишвар табдил ёфтааст.

Таърих гувоҳ аст, ки асрҳои XVI-XIX бинобар омилҳои зиёди айнӣ ва зеҳнӣ, бахусус ҳуҷумҳои паиҳами қабилаҳои саҳронишин аз шимол, поин рафтани нақши транзитӣ ва тиҷоратии роҳҳои хушкии байниминтақавӣ ва тиҷорат дар Осиёи Марказӣ, боло гирифтани хурофот, таассуб ва ихтилофу зиддият ва ғайра даврони рукуд ва таназзули иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангӣ буданд.

Дар чунин даврони мураккаб мазҳаби ҳанафӣ боз ба ҳифзи асолат ва наҷоти халқҳои Осиёи Марказӣ мусоидат кард. Маҳз ба шарофати он арзишҳои волои тамаддуни тоҷикон мақоми баланди иҷтимоии худро дар минтақа аз даст надоданд. Бо назардошти чунин мақом ва ҷойгоҳи муносиби мазҳаби ҳанафӣ бузургмардони ин давра – Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил ва алло-ма Аҳмад Махдуми Дониш ҳимоят ва пуштибонӣ аз маз-ҳаби Имоми Аъзамро дар маҷмӯъ рисолати бошарафи худ ва мусулмонон медонистанд.

Давроне, ки дар Шарқи исломӣ ҷараёни маорифпарварӣ ташаккул ёфта, ҷунбиши ислоҳоту навсозӣ ба зуҳур меомад ва бо мурури замон вусъат меёфт, аён гардид, ки мазҳаби ҳанафӣ бинобар равзанаи кушодаю васеъ, таҳаммулпазирӣ, созгорӣ бо далоили зеҳнию мафкуравӣ, ақлонӣ ва мантиқӣ ба зиндагии ҳаррӯза ва ниёзҳои иҷтимоии инсон пайванди ногусастанӣ дорад ва ба раванди тағйиру таҳаввули босуръати муосир посухгӯ мебошад. Вале бо камоли таассуф бояд зикр намуд, ки дар асри XX ин нерӯи азими маънавӣ дар сатҳи матлуб истифода нагардид.

Дар охири асри XX ва оғози асри XXI мо шоҳиди таҳаввулоти азим ва аслан бунёдӣ мебошем, ки мазмуни ниҳоят мураккаб ва зиддиятнок дорад. Ин зуҳурот ба сарнавишти таърихии инсоният таъсири амиқи рӯзафзун ва пайваста хоҳад дошт.

Мо шоҳиди он гашта истодаем, ки селоби пурталотуми ҷаҳонишавӣ дар баробари ҷиҳатҳои мусбати худ ба усулу арзишҳои асолатӣ ва ҳувиятии халқҳо, фарҳангҳо ва тамаддунҳои таърихӣ таъсири манфӣ низ мерасонад.

Муборизаи шиддатёбандаи кишварҳои қудратталаб ва сохторҳои гуногуни онҳо барои талоши дастёбӣ ба манобеи ҳаётӣ ва стратегии табиӣ ва иқтисодӣ барои ҳама кишварҳо ва халқҳо хатари рӯзафзун дорад. Ин хавф барои кишварҳои исломӣ бештар ва возеҳтар аст, зеро ин кишварҳо дорои захираҳои азими табиӣ буда, дар нуқтаҳои ҳассоси геополитикӣ ва геостратегии дунё ҷо гирифтаанд.

Ташвишовар ин аст, ки дар раванди ин мубориза шеваҳо ва василаҳои номашрӯъ ва харобиовар, ки берун аз меъёрҳои байналмилалианд, васеъ истифода мешаванд. Баъзе давлатҳо ва доираҳои бонуфуз аз нерӯи гурӯҳҳои тундрав ва ифротӣ ба хотири манофеи геополитикии худ сӯиистифода менамоянд. Зиёда аз он, гурӯҳҳои ифротӣ ва ҳатто террористие ба дасти дигарон сохта шуда, дар зери ниқоби дини мубини ислом ҳамчун василаи тахрибкорӣ зидди давлатҳои мусулмонӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ва хеле таассуфовар аст, ки мақомоти ин давлатҳо то ҳанӯз ба чунин зуҳурот эътибори ҷиддӣ намедиҳанд.

Табиист, ки сарчашмаи асосии равияҳо ва ҷараёнҳои тундрав ва ифротӣ мушкилоти зиёди иҷтимоӣ, ба шумули камбизоатӣ, бекорӣ, шароити душвори зиндагӣ, сатҳи поини маърифат ва ғайра мебошанд. Нерӯҳои муайяни сиёсии дохилӣ ба мушкилоти номбурда ҷомаи динӣ пӯшонда, бо ин иқдомашон барои гурӯҳҳои ноогоҳ ва ғаразнок майдони аъмоли харобиоварро фарохтар месозанд.

Дар чунин шароит бегуфтугӯ ихтилоф ва бархӯрдҳои динӣ-мазҳабӣ шиддат мегиранд, зеро истифодаи дин ба ғаразҳои сирф сиёсӣ, табақавӣ ва хусусӣ амали таърихан озмудашуда мебошад. Вале ба ифтихор метавон таъкид сохт, ки таълимоти Имоми Аъзам ангезаҳоеро, ки дар натиҷаи онҳо мусулмон аз рӯи ғараз ва фитнаи дигарон хуни бародари мусулмонро мерезад, қотеона маҳкум менамояд. Аслан мероси ақидатӣ ва фарҳангии Абӯ-ҳанифа дар таҳкими ҳамзистии осоиштаи тамоми мусул-монон, махсусан таъмини ваҳдати миллии тоҷикон, аҳамияти ҳаётӣ дорад. Воқеан ҳам мазҳаби Абӯҳанифа дар тӯли таърих ва ҳам дар рӯзгори иҷтимоии мардум ба омили муҳими ваҳдати миллӣ ва башарӣ, мусолиҳа ва таҳкими суботу оромии ҷамъият табдил ёфтааст. Мебояд, ки мо аз ин таълимоти созанда дар амали рӯзмарраи худ пурсамар истифода намоем.

Чунонки таъкид кардем, ҳоло ҳам баъзе давлатҳо ва нерӯҳои мухталифи манфиатдор, гурӯҳҳо ва созмонҳои ифротӣ бо шиорҳои динӣ суботу амнияти кишварҳои рушдёбандаи мусулмониро зери хатар қарор медиҳанд. Барои пешгирии чунин падидаҳои номатлуб моро зарур аст, ки аз назария ва таҷрибаи рӯзгори Имоми Аъзам кор бигирем.

Он гурӯҳҳо ва доираҳои диние, ки нақши бузурги амалии мазҳабҳои дини исломро инкор менамоянд ва фирефтаи сармоягузории бегонагон мешаванд, дар ниҳоят арзишҳои суннатии исломиро нодида гирифта, ихтилофу зиддиятҳои динӣ-мазҳабиро бармеангезанду заминаи кинаву адоват ва низоъро дар ҷомеа ба вуҷуд меоранд.

Имрӯз мо шоҳиди шиддатёбии рақобату низои фарҳангҳо ва ташвиқи андешаи «бархӯрди тамаддунҳо» гашта истодаем, ки аз ҷониби доираҳои ғаразнок барангехта мешавад. Ин падида дар

зоти худ хатари азим дорад ва пешгирии он вазифаи ҳар фарди солимандеш ва масъулиятшинос аст. Набояд фаромӯш кард, ки низоъҳои дар заминаи динию мазҳабӣ доманзада оқибат ба фоҷеаи миллӣ меоранд.

Дар чунин шароит бартарии нерӯи таҳаммулпарвар ва зиндагисози мазҳаби Имоми Аъзам комилан возеҳ мегардад ва моро ба роҳи ҳақ ҳидоят мекунад. Андешаҳои пурвусъати илмӣ ва инсонии Абӯҳанифа водор месозад, ки дар чунин давраи таҳаввулоти бо-суръат мо ба нерӯи хирад, донишу маърифат, усулу арзишҳои зиндагисоз, гуфтору кирдори масъулонаи эшон такя намоем ва бо камоли огоҳиву дурандешӣ амал кунем. Вусъати назар, диди айнӣ ва амиқ, қудрати шинохти умдаи равандҳо ва падидаҳои печидаю пурихтилоф, рӯҳи солим ва иродаи матин, умеди мағфират аз Худованди азза ва ҷалла калиди аслии тавфиқу комёбиҳои навин ваояндаи дурахшони мо мебошанд.

Зиндагию корномаи Имоми Аъзам ва таълимоти абадзиндаи ӯ, ки паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти динӣ-фарҳангии кишварро чун оина равшан сохта, моро барои анҷом додани рисолати созандагӣ роҳнамоӣ мекунанд, аҳамияти бузурги ҳаётӣ доранд. Бо баҳрабардорӣ аз онҳо дар сулҳу салоҳ бо намояндагони дигар дину мазҳабҳо зистан аз рисолатҳои мусулмонии мост. Худованди кариму раҳим ҳам дӯсти солеҳон аст.

## Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо

Баъди ноил шудан ба истиқлолияти давлатӣ ҳаёти халқи тоҷик маҷрои тозае ба худ гирифта, андешаи миллӣ бар пояи асолатҳои таърихӣ ва арзишҳои анъанавӣ рушди фарогир ёфт.

Пайваста ба ин робитаҳои миллати тоҷик бо аҳли ҷаҳон, шиносоӣ ва бархӯрдории вай аз арзишҳои умумибашарӣ афзуданд. Густариши робитаҳо ва ҳаводиси ҷаҳони имрӯза Тоҷикистони соҳибистиқлолро бо равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷаҳони муосир пайванди қавӣ доданд. Худшиносии миллӣ бо равандҳои ҷаҳони имрӯза даромехта, бо мавқеъёбии Тоҷикистон дар ҷаҳон болотар рафт. Вобаста ба ин манфиатҳои миллӣ тақозо мекунанд, ки дар баробари таҳкими худшиносии миллӣ робитаҳо бо кишварҳои ҷаҳони муосир ва баҳрамандшавӣ аз арзишҳои ҷаҳони мутараққӣ суръат гиранд ва алоқа бо дигар тамаддунҳо густариш ёбад.

Дар ин росто бояд зикр намуд, ки гуфтугӯи тамаддунҳо ба яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳони имрӯза табдил ёфтааст. Зеро инкишофи ҳаёти имрӯзаро бе таъсири мутақобилаи тамаддунҳои мухталиф ва равандҳои иқтисодиву сиёсии ҷаҳонӣ наметавон тасаввур кард. Ҳар гуна дуршавӣ ва канорагирӣ, зиддият ва муқовимати беасос ба манфиати ҳаёти сиёсӣ ва инкишофи кишвар нест, он ба ҷудоиандозӣ ва бӯҳрони иқтисодию сиёсӣ бурда, монеаи пешрафти ҷумҳурӣ мегардад.

Ҷараёни умумитаърихии инкишофи ҷомеаи инсонӣ тақозои ҳамкорӣ, истифодаи комёбиҳои тамоми инсоният, арзишҳои умумибашариро кардааст. Имрӯз ин раванд боз ҳам тавсеа ва таҳким ёфтааст. Пас, дар чунин шароит моро зарур аст, ки воситаҳои ҳамкорӣ ва ҷараёни истифодаи арзишҳои ҷаҳони муосирро пурзӯр намуда, симои маънавӣ, хусусиятҳои миллии худро нигоҳ дорем ва ҳамзамон худшиносии миллиро таҳким бахшем.

Дар доираи манфиатҳои миллӣ худшиносии динии халқи тоҷик низ аҳамияти зиёде касб мекунад. Роҳу равиши дурусти он ба гуфтугӯи динҳо, ки ҷузъи асосии ҳама гуна тамаддун аст, ҳидоят мекунад ва мавқеи Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи ҷаҳонӣ

устувор месозад. Барои ташаккули дурусти худшиносии динии халқи тоҷик истифодаи мероси ғании динӣ зарур аст. Мероси динӣ, аз ҷумла мероси фиқҳӣ ва каломии Имоми Аъзам, метавонад намунаи равшани гуфтугӯи дин ва тамаддунҳоро арзёбӣ кунад. Бешубҳа, арзишҳои динӣ дар ташаккул ва инкишофи худшиносии миллӣ аҳамияти зиёд доранд. Вале, мутаассифона, дар оғози марҳилаи истиқлоли кишвар таносуби арзишҳои динӣ ва миллӣ аз миён рафта, барои миллати тоҷик имтиҳони вазнинеро пеш овард. Яке аз сабабҳои ҷиддии ин вазъ ба эътибор нагирифтани фарҳанги ғанӣ ва мероси илмии шахсиятҳои бузурги динӣ ва фарзонаи миллати тоҷик дар тамаддун ва фарҳанги умумиисломӣ буд.

Албатта, дар чунин самт қарор гирифтани раванди худшиносии диниву миллӣ ва дар ин замина ба мавқеъгириҳои нодурусти идеологии ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва ба пайравии баъзе қувваҳои радикалии динӣ аз принсипҳои динолуди зиддимиллӣ вобаста сохтани тақдири миллати тоҷик ба бӯҳрони сиёсӣ ва идеологӣ дар кишвар сабаб шуд.

Хушбахтона, ба шарофати таҳким ёфтани давлати соҳибихтиёри миллӣ, кӯшишу талошҳои доимии ҳукумати ҷумҳурӣ, махсусан дастгириву пуштибонии мардуми шарифи Тоҷикистон, вафодории он ба принсипҳои сиёсати ваҳдати миллӣ ва эҳёи арзишҳои таърихии ин диёри куҳанбунёд дар ҷомеаи кишвар суботу амният таъмин гашт ва мардум ба кори созанда рӯ овард.

Дар тӯли ҳазорсолаҳо тамаддун дар доираи муқаррароти дин инкишоф ёфтааст ва арзишҳои фарҳангӣ бо таъсири омили динӣ эътирофи умум пайдо карда, асоси устувори фарҳанги ҷомеаро ташкил додаанд. Ба ҳамин хотир бисёре аз муҳаққиқон ин ва ё он тамаддунро ба дин вобаста ва симои маънавии ҷомеаро аз он иборат медонанд.

Табиист, ки дар пешрафти ҷомеа дин мусоидат кардааст ва анъанаю муассисаҳоеро ба вуҷуд овардааст, ки ба пешрафти тамаддун кӯмак расонидаанд. Анъана ва арзишҳои устувори фарҳангӣ, ки бо ақоиди динӣ ороста шудаанд, пойдевори мустаҳками фарҳангиро ташкил додаанд.

Чунонки аз манбаъҳо бармеояд, баробарӣ, адолати иҷтимоӣ, сулҳу бародарӣ, ки ғояҳои асосии анъана ва арзишҳои фарҳангиро ташкил медиҳанд, дар дини ислом низ мавқеи устувор ишғол мекунанд. Бузургдошти инсон ва эҳтироми шахсият дар ислом на танҳо нисбати мӯътақидони он, балки нисбати пайравони динҳои дигар низ ҷорӣ аст. Он дар амалу рафтори бузургони дин борҳо намудор шудааст. Аз ҷумла поягузори мазҳаби ҳанафӣ Имоми Аъзам намунаи баланди инсондӯстиро дар зиндагӣ ва таълимоти худ нишон додааст. Кофист муносибати ӯро бо яҳудии ҳамсояаш мисол биёрем. Яҳудӣ аз ин муносибати ғамхорона то ҳадде зери таъсир қарор гирифт, ки кеши Абӯҳанифаро қабул кард. Муносибати хуб ва таҳаммулпазирӣ аз оёти Қуръони Карим, аз ҷумла ояти 2 сураи Моида, ояти 83 сураи Бақара, ояти 86 сураи Нисо, ояти 41 сураи Юнус ва ғайра сар мезанад.

Мавқеи ислом нисбати пайравони дигар динҳо дар асоси усули таҳаммулпазирӣ ташаккул ёфтааст. Аз ин ҷо, шиносонидани назари воқеии ислом, хусусан мазҳаби Абӯҳанифа, ҳамчун иқдоме барои таҳкими муколамаи ислом бо дигар дину тамаддунҳо хизмат мекунад.

Уммати мусулмон дорои мероси бузург ва арзишманди фарҳангӣ мебошад. Таърихан фарҳанги умумиисломӣ бо ҳифзи асолати динӣ ва ҷавҳари тавҳидӣ дар худ беҳтарин самараҳои фарҳангии қавму халқҳои мухталифро таҷассум намудааст. Ва уммати ислом, ки аз миллатҳои гуногун иборат аст, ҳар кадом ба дини ислом бо такя бар ҳифзи ҳувияти фарҳангии худ даромадааст. Уммати мусулмон бар асоси ягонагии динӣ ва гуногунрангии фарҳангӣ ташаккул ёфтааст. Ислом бо такя бар асли тавҳид ба масъалаи худшиносӣ ва худсозии миллатҳои мусулмон маҷрои ягона бахшидааст.

Худои Мутаол дар сураи Ал-Ҳуҷурот мефармояд: «Эй мардум, ба дурустӣ, ки шуморо аз марду зан офаридем ва шуморо халқҳо ва қабилаҳо сохтем, то бо якдигар шиносо шавед».

Воқеан, халқи тоҷик дар шинохти ҷавҳар ва ҳақиқати ин дини бузурги тавҳидӣ ва шикасти таассуби қавмӣ дар назди Худои Мутаол метавонад аз парҳезгортаринҳо даниста шавад.

Мақому манзалати азими Паёмбари гиромии ислом Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) бар ҳамаи уммати исломӣ равшан аст ва Қуръони Карим дар ин бора шаҳодат медиҳад: «Ва сухан аз рӯи ҳаво намегӯяд. Нест ин сухан ҷузъ он чӣ бад-ӯ ваҳй мешавад». (Сураи Наҷм, ояти 3-4).

Бинобар ин пешгӯиҳои Расули акрам низ, чи дар ҳаққи саҳобагон ва чи тобеъин, барҳақ мебошанд. Дар ҳадиси саҳеҳ ба ривояти Имом Бухорӣ ва Имом Муслим аз Абӯҳурайра омадааст: «Агар илм (ба қавли дигар – имон ва ё ба қавли Муслим – дин) ба осмон ба ситораи Сурайё овезон бошад, мардоне аз авлоди Форс (ба ривояти дигар, мардоне аз эшон – ва ба Салмони Форсӣ, ки дар он маҷлис ҳузур дошт, ишора карданд) онро ба замин меоваранд». Имом Ҷалолуддини Суютӣ яке аз соҳибони «Тафсири Ҷалолайн», дар китоби худ «Та-бйизи-с-саҳифа би маноқиби-л-имом Абӯҳанифа» мегӯяд, ки ин ҳадис дар ҳаққи Имоми Аъзам аст, зеро ҳеҷ касе ҳамтои Абӯҳанифа дар мақоми илм набуд.

Дар ҳақиқат, ин пешгӯии таҳаққуқёфтаи Паёмбари гиромии ислом (с) дар ҳаққи яке аз тобеъин аст. Ва ҷойи ифтихори барҳаққи миллии мост, ки аҳли илм ин ҳадисро ҳамчун башорат ба мақоми фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Имоми Аъзам маънидод кардаанд.

Барои мо муҳимтар он аст, ки дини мубини ислом ва аслҳои умумибашарии он дар ташаккули шахсиятҳои таърихии мутааллиқ ба қавмҳои гуногун шароити маънавии муносиб муҳайё сохта, аз тариқи онҳо мероси фарҳангии ҷаҳоншумулро ба вуҷуд овардааст. Ва яке аз чунин шахсиятҳои беназир фақеҳи муҷтаҳид Имоми Аъзам Нӯъмон ибни Собит ибни Нӯъмон мебошад.

Бояд зикр кард, ки Нӯъмон ҳам номи Абӯҳанифа ва ҳам номи бобои ӯст. Ривоят аст, ки Нӯъмон – бобои Абӯҳанифа дар рӯзи ҷашни Меҳргон ба амирулмӯъ-минин Ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолиб ширинӣ (шаҳд) ҳадя кард ва он ҳазрат дар ҳаққи ӯ ва фарзандон ва мavolаш дуои баракат намуд ва гуфт: «Меҳраҷонан кулла явмин», яъне «ҳар рӯз Меҳргон бод». Ба ривояти дигаре ин ҳодиса дар рӯзи ҷашни Наврӯз рух додааст. Аз ин ҷо ба тахмине сухани машҳури «ҳар рӯзатон Меҳргон бод» ва ё «ҳар рӯзатон Наврӯз бод» маншаъ

мегирад. Ин дар шароите, ки баъзе гароишҳои ифротии динии он замон дар мавриди бо кароҳият қабул намудани арзишҳои тоҷикӣ – форсӣ, махсусан нисбат ба ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон, мушоҳида мегардиданд.

Чунонки мебинем, бобои Абӯҳанифа ҳанӯз дар ибтидои ислом сарфи назар аз муносибати манфии баъзе гурӯҳҳои ифротӣ, барои ҳифзи ҳувияти фарҳангии тоҷикӣ мекӯшид ва он аз ҷониби Ҳазрати Алӣ хуш истиқбол шуд.

Аз Ибни Сирин – фақеҳ ва муҳаддиси мансуб ба тобеъини Басра ҳатто чунин ривоят шудааст, ки Ҳазрати Алӣ аз рӯи эҳтиром ба фарҳанги тоҷикӣ нисбат ба рӯзи ҷашни Наврӯз хушнудӣ карда, дуо намуда будаанд, ки Худо ҳар рӯзро Наврӯз бигардонад.

Муносибати дини мубини ислом нисбат ба фарҳанги миллатҳои исломӣ бар асли таҳаммулпазирии фарҳангӣ асос ёфтааст. Мансубияти исломӣ ҳаргиз маънои инкори мансубияти фарҳангии миллатҳои мусулмонро надорад. Худои Мутаол бандагони худро аз лиҳози фитрӣ гуногун офаридааст. Қабул накардани ин асл ба ҳукми оят инкори ҳикмати офариниш аст. (Сураи Зумар, ояти 46).

Хилофати исломӣ дар баробари тавсеа ёфтани худ ба фарҳангҳои қавмҳои манотиқи фатҳшуда рӯ ба рӯ гашт. Дар баъзе мавридҳо бошад, вобаста ба боло гирифтани масъалаҳои сирф сиёсӣ, махсусан омезиши масъалаи ҳокимият бо асли арабигароӣ, худшиносии халқҳои дигари қаламрави хилофат бар асоси фарҳангҳои бумӣ қувват мегирифт. Дар ин давра ҳаракатҳои сиёсии истиқлолҷӯ, муборизаи зидди зулму истибдод, шӯбҳои халқӣ дар хилофат хеле зиёд шуд ва норозигӣ аз хилофати уммавиҳо афзуд. Ҳаракати пуриқтидори истиқлолиятхоҳӣ бо номи шуубия, ки ҷанбаи фарҳангӣ низ дошт, хилофатро фаро гирифт. Маҳз зери таъсири ин ҳаракат хилофати уммавиҳо аз байн рафт ва хилофати аббосиҳо сари қудрат омад. Аммо хилофати аббосиён низ умеди мардумро бароварда накард ва сазовори дастгирии мардум нагашт. Имоми Аъзам, ки ба ҳаракати шуубия бо назари нек нигоҳ мекард, беадолатиҳои хилофати аббосиёнро дида, ба халифаи аббосӣ низ байъат накард ва мансабҳои пешниҳодкардаи ӯро рад намуд.

Дар саҳнаи дин холигоҳи васеъ эҷод гашт ва халқҳои дигар дар баробари дур шудан аз салтанати сиёсӣ (ҳукумат) барои ҳифзи шарафи миллӣ ва тақвияти худшиносии қавмии худ майдони илму фарҳанг, махсусан саҳнаи динро ихтиёр намуданд.

Фақеҳ ва муҳаққиқи араб шайх Муҳаммад Абӯзаҳро дар ин маврид чунин мегӯяд: «Арабҳо дар замони салтанати уммавиҳо ҳукумат ва салтанатро дар даст ва ҷангу набардро ба ӯҳда доштанд. Онҳо ба ин умур машғул гашта, ба омӯзишу таҳқиқ, пажӯҳишу жарф-нигарӣ напардохтанд. Мавolӣ (ғуломони озодшуда, махсусан аз ақвоми Аҷам) ин холигоҳи муносибро дида, онро бо омӯзишу таҳқиқ, донишомӯзӣ пур намуданд. Онҳо диданд, ки ҳукуматро аз даст доданд, пас кӯшиданд то шарафро аз роҳи дигар ба даст биёранд. Ин роҳ илму маърифат буд. Воқеан, баъзан маҳрумӣ ба камолот ва дастовардҳои бузург мерасонад. Ин сухан нисбат ба мавolӣ дуруст аст, ки онҳо сарвариро дар андешаи арабии исломӣ ба даст оварданд, дар ҳоле ки пирӯзии моддӣ насиби арабҳо шуда буд».

Бояд зикр кард, ки пешоҳанги мавolӣ мардумони ориёинажод буданд, ки сарварии онҳо насиби фарзанди халқи тоҷик Абӯҳанифа гашт. Иловатан қобили таъкид аст, ки пешгӯиҳои Паёмбари гиромии ислом (с) беш аз пеш нисбат ба аҷамиҳо, аз ҷумла тоҷикон, таҳаққуқ ёфтанд. Бузургони халқи тоҷик, бахусус Имоми Аъзам, бо дарки амиқи ҳикмати илоҳӣ ва бо истифода аз арзишҳои фарҳанги тоҷикӣ-форсӣ ҳақиқату мақсади ҳадиси дар боло зикршударо татбиқ намуданд ва собит сохтанд, ки танҳо бо роҳи гаравидан ба таҳқиқи улуми замон аз тариқи парҳез аз даргир шудан дар умури сиёсӣ ва тарки васвасаҳои ҷоҳу ҷалолталабӣ ба авҷи камолоти динию дунявӣ расидан мумкин аст. Шахсияти Имоми Аъзам таҷассуми ҳамин ҳақиқат мебошад.

Аз омӯзиши таълимоти Абӯҳанифа бармеояд, ки ӯ ба илму осори фарҳангии Аҷаму Юнон эҳтироми махсус дошт. Истифодаи усули қиёс, ки ба мантиқи Арасту наздик аст ва урф ҳамчун сарчашмаҳои фиқҳӣ аз таваҷҷӯҳи имом ба илму фарҳанги Юнону Аҷам дарак медиҳад.

Аз таърихи ислом маълум аст, ки қиёсро пешиниён – асҳоб ва тобеъин дар ҳалли масъалаҳои фиқҳӣ истифода мекарданд, вале қиёси онҳо дар шакли тамсил – ҳаммонанд сохтан бо амали Паёмбари гиромии ислом (с) буд, вале қиёс дар фиқҳи Абӯҳанифа таврест, ки дар мантиқи Арасту ба сифати раъй ва истидлоли мустақил мушоҳида мешавад.

Маҳз бо кӯшиши Абӯҳанифа равиши истидлол ва раъйи озод дар фиқҳи исломӣ ҷой мегирад ва даврае оғоз мешавад, ки онро Ибни Халдун, муаррихи бузурги араб, «давраи фалсафӣ» дар фиқҳи исломӣ номидааст. Фиқҳи эътиқодоти Абӯҳанифа, аз ҷумла «Фиқҳи акбар», ба нусуси нақлӣ ва далоили ақлӣ бино шудааст.

Ҳамин таваҷҷӯҳ ба фарҳанг ва улуми асри худ Абӯҳанифаро дар сафи беҳтарин донишмандони замони худ ҷой додааст. Вале ӯ пешаи асосии худ илми фиқҳро қарор дод, зеро, ба гуфтаи худи Имоми Аъзам, «дар ӯ нафъи зиёд асту ҳеҷ зиёне нест».

Таҳаммулпазирӣ аз нуктаи муҳими таълимоти ӯ буда, аз ин рӯ ҳатто далелҳои худро бо назари динҳои дигар асоснок мекунад. Масалан, ба назди ӯ бо шикоят омаданд, ки касе худро мусулмон мегӯяд, аммо талаботи исломро ба ҷой намеорад ва ҳатто назари насорову яҳудро дар бораи имон дуруст мешуморад. Имоми Аъзам дар ҷавоб бо далелҳо исбот мекунад, ки ҳақ бо ӯст, зеро тавҳид дар назди онҳо низ мӯътабар аст ва гуфтаҳои онҳо айни имон мебошанд.

Дар воқеъ, муҳимтарин рукнҳои имон тавҳиди Худованд, нубувват, миод дар ҳар се дин: ислом, масеҳият, яҳудият эътироф шудаанд.

Инкишоф ва тавсеа ёфтани дини мубини ислом ва тадриҷан ба мафкураи расмии Хилофат ва ҷараёнҳои идеологӣ ва сиёсӣ табдил ёфтани консепсияҳои мухталифи ақидатӣ ва фиқҳии он ва дар ин асос тақвият ёфтани раванди ягонаи тамаддунофаринии арабӣ-исломӣ эҳтимоли бархӯрди фарҳангҳо ва тамаддунҳоро пурра аз байн набурд. Балки баръакс, таассуботи қавмӣ, динии ҳизбӣ ва фирқавӣ бо омехтагии арзишҳои фарҳангӣ ва хусусиятҳои тамаддунӣ низоъҳои нави динӣ-сиёсӣ ва идеологиро ба вуҷуд оварданд. Ин гуна ихтилофот сабаби ошӯбҳои иҷтимоӣ гашта,

метавонистанд ҷомеаро ба сӯи нобудӣ бикашанд. Аз лиҳози ҳуқуқӣ бошад, мардуми ғайриараб, бахусус мавлоӣ аз ақвоми Аҷам, бинобар зери зулми шадиди сиёсӣ қарор доштан бо такя ба ҳувияти фарҳангии худ дар муқовимат алайҳи истиб-доди сиёсии ҳокимони ғайритоҷики замон саҳми бузург гузоштанд.

Низои фарҳангҳо ва тамаддунҳо дар қаламрави ислом аз нав хуруҷ намуд. Уммати исломиро фитнаи такфир, яъне кофир хондани мусулмон мусулмонро, фаро гирифт. Фирқаҳо ва аҳзоби динӣ чунон зиёд шуданд, ки ҳар кадом ба кофир ҳисобидани мухолифони ақидавӣ ва сиёсии худ мешитобид ва мубориҙаро алайҳи ҳамдигар амри шаръӣ медонист.

Дар чунин вазъият аввалин шахсе, ки гуфтугӯи фарҳангҳо ва тамаддунҳоро дар дохили уммати исломӣ матраҳ намуд, Имоми Аъзам буд. Ӯ мазҳаби фиқҳиеро поягузорӣ намуд, ки рафъи низои тамаддунҳоро дар чорчӯби шаръии инкишофи тамаддуни умумиисломӣ осон гардонд. Маҳз асли таҳаммулпазирии мазҳаби ҳанафӣ нисбат ба гуногуншаклии фарҳангҳо ва тамад-дунҳо халқҳои зиёдеро дар чорчӯбаи ислом нигоҳ дошта, қаламрави нуфузи онро васеъ намуд.

Умуман, гуногуншаклии мазҳабҳои фиқҳӣ дар ислом низ самараи гуфтугӯи тамаддунҳо ва фарҳангҳои олами ислом аст, ки дар навбати худ заминаҳои шаръии онро муҳайё сохтааст.

Ҳикмати ҳаёт аст, ки агар аз таърих сабақ нагирӣ, фоҷеаҳои он такрор мешаванд. Имрӯзҳо дар бораи низои тамаддунҳо ҳамчун падидаи ҷаҳонӣ сухан мекунанд. Аммо ин мушкили дохилиисломӣ низ ҳаст. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ ба имтиҳони ҷиддӣ дучор гаштааст. Барои он ки ин мушкил шадидтар нагардад, бояд ба тамоми мазҳабҳои фиқҳии эътирофшуда эҳтиром гу-зошта шавад. Мутаассифона, имрӯзҳо баъзе равияҳои тундрави динӣе пайдо шудаанд, ки бемазҳабиро асоси ваҳдати исломӣ меҳисобанд. Ба назари мо, ин фикри хато ва хом аст. Баръакс, гуфтугӯи мазҳабҳо дар чорчӯби тамаддуни умумиисломӣ дар сатҳи сифатан нави муносибатҳои халқҳо ва давлатҳои исломӣ ҳамчун асоси ҳифзи хусусиятҳои фарҳангӣ ва тамаддунии миллатҳои исломӣ зарурати ҳаётӣ ва роҳи ягонаи ҳалли мушкилии мазкур мебошад.

Таваҷҷӯҳи мо ба масъалаи мазкур низ бартариҷӯии мазҳабӣ намебошад. Ба мазҳаби ҳанафӣ мо пеш аз ҳама ба хотири он таваҷҷӯҳ зоҳир мекунем, ки ба воситаи он ҳамчун падидаи фарҳангӣ ба худшиносии миллӣ самти дуруст бахшем ва таҳаммулпазирии диниро нисбат ба ҳувиятҳои фарҳангии халқҳои Тоҷикистон асоси страте-гияи ваҳдати миллӣ қарор диҳем.

Зимнан, мо дар сиёсати давлатии худ асли дунявиятро қотеъона ҳифз мекунем ва инкишоф медиҳем, диндории шаҳрвандонро кори хусусӣ меҳисобем ва аслҳои озодии эътиқодро тарафдорӣ карда, онҳоро дар амал татбиқ месозем. Дар ҳақиқат ҳуқуқ ва озодиҳои динӣ аз арзишҳои бузург ва олии ҷомеаи мутамаддин мебошанд. Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои динии инсон ва шаҳрвандро таъмин ва ҳифз менамояд. Аммо аз ин ҳуқуқ ва озодиҳо набояд сӯиистифода шавад ва онҳо бар зидди манфиатҳои миллӣ равона гарданд ва ё ба татбиқи принсипҳои инкишофи худшиносии миллӣ халал расонанд.

Бунёд гаштани ҳазорон масҷид барои ибодати мардуми мусулмони кишвар ва даҳҳо ибодатгоҳҳои ғайриисломӣ татбиқи амалии аслҳои озодии виҷдон буда, бешубҳа, намунае аз нишонаҳои созандагии стратегияи ваҳдати миллӣ мебошад. Алҳол дар кишвар зиёда аз се ҳазор масҷиди ҷомеъ ва масҷиди намози панҷвақта расман ба қайд гирифта шудаанд ва фаъолият доранд. Мутаносибан ба шумораи аҳолӣ чунин ба назар мерасад, ки дар камтар кишвари исломӣ ин теъдод масҷид метавонад вуҷуд дошта бошад. Инро бояд қадр намуд ва шукри истиқлолияти миллиро ба ҷо овард. Зеро то замони истиқлолият мардуми мусулмони Тоҷикистон кафолат ва таъмини чунин озодиҳо ва ҳуқуқҳои диниро ҳатто орзу карда наметавонистанд.

Дар баробари ин фаъолияти масҷидҳоро берун аз чорчӯбаи арзишҳои миллӣ тасаввур кардан иштибоҳи маҳз аст. Дар онҳо бояд шахсиятҳои миллие тарбия ёбанд, ки миллати тоҷикро, чун дар гузашта, дар байни дигар миллатҳои мусулмон бо хислатҳои воло – парҳезгорӣ аз ҳар гуна таассуб, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва давлатдорӣ муаррифӣ карда тавонанд. Масҷид ҳарчанд ҷои ибодат аст, боз метавонад саҳми арзандае дар тарбия ва ташаккули

худшиносии мардум дошта бошад. Дар мавъизаҳои хатибони масҷидҳо бояд масоили фарҳанги миллӣ, тарбияи ахлоқӣ, ватандӯстӣ, тарғиби арзишҳои миллӣ ва исломӣ мавқеи муҳим дошта бошанд. Дар масҷидҳо бояд китобхонаҳо бунёд карда, дар истифодаи мардум қарор дода шаванд, ҳамкории масҷидҳо бо муассисаҳои фарҳангӣ ва таълимӣ бо мақсади бархӯрдорӣ аз арзишҳои фарҳангӣ ва илмӣ бояд ривоҷ пайдо кунад.

Дар айни замон набояд фаромӯш кард, ки Тоҷикистон давлати дунявӣ аст. Ин рукни асосии давлатдории миллӣ ҳисоб мешавад. Дин кори хусусии ҳар як шаҳрванд ва инсон буда, аз эътиқоди озоди ҳар кас бармеояд. Диёнати шахс маҷбурӣ ва таҳмилӣ буда наметавонад. Ба дин дохил шудан ва аз дин хориҷ гаштан ба иродаи худи шахс вобаста буда, ихтиёрӣ аст.

Бояд зикр кард, ки Қуръони Карим низ дар масъалаи интихоби дин ихтиёрдории шахсро рукни асосии муносибати банда ба Худо ҳисоб мекунад. Худои Таъоло дар ояти 256-уми сураи «ал-Бақара» мефармояд: «Ло икроҳа фӣ-д-дини», яъне дар дин маҷбуркунӣ нест. Дар ин ҷо низ озодии банда асосӣ аст. Худо ғанию бениёз аст ва ба маҷбур кардани шахс ба дин ва ё маҷбуран монондани шахс дар дин эҳтиёҷ надорад.

Асли дунявиятро низ бояд чун бетарафии давлат ба интихоби шаҳрвандон оид ба дину диёнат фаҳмид. Мутаассифона, баъзеҳо асли дунявиятро ҳамчун бединӣ ё зиддидинӣ маънидод мекунанд, ки хатои маҳз аст.

Як нуктаи дигарро низ таъкид карданиям, ки асли дунявият моҳияти конститутсионӣ дорад ва он тағйирнопазир аст. Давлатдории миллиро бе ин асос тасаввур кардан мумкин нест. Аз ҷумла, дар такя ба ҳамин асл мо метавонем суботи ҷамъиятӣ, истиқлолият ва амнияти миллиро таъмин намоем, арзишҳои миллиро ҳифз намуда, барои инкишофи минбаъдаи давлати Тоҷикистон заминаҳои мусоид фароҳам созем.

Дар робита ба масъалаи тартиботи ҷамъиятӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ асли дунявият маънои махсусро пайдо менамояд. Шахс баъди муайян наму-дани диёнати худ, хоҳ ба танҳоӣ ва ё хоҳ якҷо бо дигарон, наметавонад масъулияти

умумиҷамъиятӣ ва умумиинсониро фаромӯш намояд. Иттиҳодияҳои динӣ ва ҳизбҳои сиёсии характери динидошта низ наметавонанд аз ҳуқуқ ва озодиҳои динии шаҳрвандон сӯиистифода намоянд.

Дин ва диёнатро парчам ва ё шиори муборизаҳои сиёсӣ ва идеологӣ кардан ё васила ва роҳи дунёпарастӣ қарор дода муташанниҷ сохтани суботи ҷомеа амали зидди-конститутсионӣ, зиддимиллӣ ва ҳатто зиддишариатӣ хоҳад шуд. Зеро ислом суботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҳар як миллати мусулмонро арзиши олӣ меҳисобад.

Уммати исломӣ шоҳид аст, ки дар баъзе кишварҳои исломӣ гурӯҳ ва фирқаҳои гуногуни диниву мазҳабӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ бо сӯиистифода аз ҳиссиётҳои поки динии мардум ва пуштибонӣ аз ҳомиёни берунии худ вазъияти ҷамъиятиро муташанниҷ сохта, бо баҳонаи диндорӣ ё бединӣ оташи ҷанги шаҳрвандиро ҳамчун ҷанги «куфру имон» меафрӯзанд.

Халқи тоҷик низ ба ҳамин сабаб ба офате чун ҷанги дохилӣ гирифтор шуд. Аммо фарҳанги сулҳҷӯёнаи миллӣ, ки решаҳои амиқи таърихӣ ва мардумӣ дорад, ӯро аз ин балои сахт раҳоӣ бахшид. Аз ин ҷиҳат, эҳтиром гузоштан ба фарҳанги миллӣ, шинохти дурусти ҳувияти таърихӣ, қадр кардани мероси фарҳангии бузургони худ асоси ҳаётии ташаккул ва худшиносии миллӣ мебошад. Миллат то худро нашиносад, дӯсту душман, рафиқу рақиби худро муайян карда наметавонад.

Мо намегӯем, ки гузаштаи халқи тоҷик аз гузаштаи халқҳои дигар беҳтар аст. Мо мегӯем, ки беҳтар набошад, бадтар ҳам нест ва зиёдтар набошад, камтар ҳам нест. Аммо яқин аст, ки имрӯзи мо аз гузаштаи фарҳангиамон бояд беҳтару ғанитар бошад. Танҳо бо шинохтан ва фаро гирифтани мероси фарҳангии гузаштагонамон ҳаёти маънавии халқамон беҳтару комилтар мегардад.

Асли дунявият дар робита ба масъалаи худшиносии таърихии миллати тоҷик чунин маъно дорад, ки мо ба мероси фарҳангии бузургони худ аз рӯи муносибати онҳо ба фарҳанги умумибашарӣ менигарем. Танҳо аз ҳамин мавқеъ аҳамияти таърихӣ ва амалии мероси фарҳангиро барои имрӯзи миллати тоҷик дуруст шинохтан

мумкин аст. Дар ин мероси исломӣ бузургони халқи тоҷик истисно буда наметавонанд. Дини ислом моҳияти умумиинсонӣ дошта, таърихан заминаҳои мусоиди омезиши арзишҳои фар-ҳангии байналмилалиро муҳайё намудааст. Ислом танҳо бо шамшер паҳн нашудааст. Дин ва фарҳанг бо шамшер паҳн намешаванд. Ислом ба воситаи фарҳангҳои бумӣ, фарҳангҳои қабилаву қавмҳо ва халқу миллатҳои гуногун барои худ роҳ кушода, дар ҳаёти амалии онҳо нақш ва мавқеи махсус пайдо намудааст.

Таърихан, халқи тоҷик ҳеҷ гоҳ дар ҳошияи ҳаёти фарҳангии исломӣ қарор надошт. Аз ин рӯ, бе шинохти нақши бузургони халқи тоҷик дар фарҳанг ва тамаддуни исломӣ ҳувияти миллии мо ноқис хоҳад монд. Ин холигоҳро бо шинохти саҳми бузурги фарзандони миллат дар инкишофи фарҳанги исломӣ, бахусус фиқҳ, калом ва тасаввуф, пур кардан мумкин аст. Намунаи барҷастаи онҳо Имоми Аъзам мебошад.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки аз асосгузорони мазҳабҳои фиқҳие, ки дар олами ислом маъмул ва эътирофшуда мебошанд, ҳама араб буда, танҳо Имом Абӯҳанифа тоҷик буд. Шоёни зикр аст, ки аз нисф зиёди му-сулмонони ҷаҳон пайрави мазҳаби фиқҳии Имоми Аъзам мебошанд. Ва ин нукта низ аз ҳақиқат дур нест, ки маҳз муҳити фарҳангии аҷамӣ ва парҳезгории Абӯҳанифа аз васвасаҳои сиёсӣ, дурӣ ҷустани ӯ аз мансабҳои давлатӣ дар хилофати Умавиҳо ва Аббосиҳо имкон дод, ки фиқҳи таҳаммулгароро ба замони худ пешниҳод намояд. Имоми Аъзам барои густариши ислом дар байни қавмҳои ғайриараб хидмати беназир намудааст. Бешубҳа, таҳаммулпазир будани мактаби фиқҳии ӯ боиси гароиши қавмҳои зиёде ба ислом гардидааст. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки Имоми Аъзам «шамшери ислом»-ро ба фар-ҳанги исломӣ иваз намуд ва қавмҳо дини исломро осону таҳаммулпазир дарёфта, ба он гурӯҳ-гурӯҳ гаравиданд.

Бозшинохти ин шахсияти бузург, ки мансубияти қавмиаш ба халқи тоҷик марбут аст, ҳаргиз бо иллати ғурури миллӣ ва таассуби мазҳабии мо нест. Аммо шарафёб шудан ва ба ин восита худро ба ҳамдигар шиносонидани халқу миллатҳоро, чунон ки зикр гардид, Худои Мутаол зарур медонад.

Имоми Аъзам бар пояи ин асли қуръонӣ эҳтироми ҳувияти фарҳангии қавмҳои дигарро таъмин намуд. Маҳз ба ҳамин хотир Абӯҳанифа ба забони қавмҳои ғайриарабӣ, махсусан забони тоҷикӣ, мақоми хоса бахшида, аҳамияти онро барои решадор сохтани фарҳанги қуръонӣ дар дилҳои мардум бисёр зарур мешуморид.

Аз ин ҷиҳат, таваҷҷӯҳ ба масъалаи забон дар фаъолияти масҷидҳо, аҳамияти он барои ташаккул ва инкишофи худшиносии миллӣ ва ҳифзи асолати миллии забон дар мавъизаҳои ходимони дин бояд ҳамеша дар мадди назар бошад. Ба забони модарии худ бо Парвардигор розу ниёз гуфтан, зикру дуо карданро шариат аз корҳои писандида донистааст.

Дар замони Абӯҳанифа, тавре ки зикр гардид, дар байни фирқаҳои мухталифи исломӣ такфири якдигар маъмул гашта, расмият пайдо намуда буд.

Мутаассифона, чунин амали зишт ба баъзе фирқаву ҳизбҳои исломии муосир низ хос мебошад, ки барои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ хатари калон дорад.

Имоми Аъзам имонро иқрору тасдиқ донистa, гуноҳи шахси мусулмонро, агарчи он аз кабоир бошад, сабаби хориҷ гаштани он аз имон намеҳисобад. Барои дин муҳим он аст, ки гунаҳкор гуноҳи кардаашро эътиқодан ва шаръан ҳалол, қонунӣ наҳисобад. Аз ин рӯ, дар ҳаққи мусулмон такфирро раво донистан амали зиддиқуръонӣ аст. Ҳамаи мусулмонон Қуръони Каримро, ки он конститутсияи диниашон мебошад, бояд риоя кунанд. Риоя нагаштани он боиси барангехтани кинаву адовати динӣ шуда, оқибатҳои вазнинро ба бор меорад.

Умуман, барангехтани кинаву адовати динӣ ва дар ин асос ба вуҷуд овардани низои динӣ аз назари Имоми Аъзам амри номашрӯъ аст. Аз Абӯюсуф, шогирди Абӯҳанифа, ривоят шудааст: Мо боре дар назди Абӯҳанифа нишаста будем ва гурӯҳе ду нафарро (аз уламои дин) оварданд ва гуфтанд, ки яке аз махлуқ будани Қуръон қоил аст ва дигар бар қидам, яъне махлуқ набудани он. Онҳо аз Абӯҳанифа ҳукмро нисбати ҳар дуи онҳо суол карданд. Абӯҳанифа ҷавоб дод: «Аз паси ҳар дуи онҳо намоз нагузоред».

Онҳо гуфтанд: «Дар ҳақиқат ин ҳукм нисбати шахси аввал дуруст аст. Аммо чаро нисбати дувумӣ, ки ҳақ буд, чунин ҳукм раво шуд?» Абӯҳанифа ҷавоб дод: «Барои он ки онҳо дар дин низоъ ба вуҷуд оварданд, ки мунозаа бидъат аст, яъне нораво мебошад». Ин ҳукми Абӯҳанифа аз асли қуръонӣ бармеояд, ки мақсади он ҳифзи ягонагии мардуми мусулмон, субот ва амнияти ҷамъиятӣ мебошад.

Решаи ифротгароӣ ва терроризм дар ҷаҳони имрӯза дар бенавоӣ, бекорӣ, маҳрумиятҳо аз арзишҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ мебошад. Азбаски сатҳи зиндагӣ ва имкониятҳои фарҳангӣ, маърифатӣ дар бисёр кишварҳои исломӣ паст буда, мардум аз неъматҳои онҳо маҳруманд, дар он ҷо фаъолияти ҳар гуна созмонҳои ифротӣ имконпазир мебошад. Мутобиқи маълумотҳои Созмони Милали Муттаҳид аз рӯи Индекси тавсиаи инсонӣ ҳамаи 40 кишваре, ки аксари аҳолии онҳо пайравони исломанд, дар ҷои паст қарор гирифтаанд. Аз кишварҳое, ки аз истеъмори мустамликадорон озод шудаанд ва истиқ-лолият ба даст овардаанд, ҳеҷ кадоме ба ҳадди киш-варҳои пешрафта нарасидааст. Ва дар ин кишварҳо ба вуҷуд омадани созмонҳои ифротӣ аз имкон дур нест. Вале дур шудан аз ифрот тавассути рушди фарҳанги миллӣ ва динӣ имкони воқеӣ пайдо мекунад. Зеро мероси миллӣ, динӣ, аз ҷумла мероси исломӣ ва талаботи дини мубини ислом метавонад чунин заминаи устувори маънавӣ гардад. Дар ҷаҳони имрӯза аксари муассисаю созмонҳои динӣ рӯ ба гуфтугӯ ва муколама ниҳоданд. Калисои католикӣ ва калисоҳои православӣ майл ба ҳамкорӣ бо муассисаҳо ва ташкилотҳои исломӣ дар масъалаҳои муҳими замон: пешгирии низоъҳо, таҳкими сулҳ, риояи ҳуқуқи башар, пуштибонӣ аз ҳуқуқи зан, мубориза ба бемориҳои сангини аср, мубориза бо терроризм, расонидани кӯмак ба мардуми камбизоат ва ғайраро доранд. Онҳо ва инчунин созмонҳои исломӣ дар фикри ононд, ки фарқиятҳои эътиқодӣ набояд монеа ба ҳамкорӣ дар соҳаи гуманитарӣ, маориф, тандурустӣ ва фарҳанг гарданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзистӣ ва гуфтугӯи динҳо решаи амиқ дошта, ҳеҷ гуна низоъ ва хушунат дар байни онҳо мушоҳида намешавад. Хурсандибахш аст, ки созишу таҳаммули якдигарӣ ва сулҳу сафо дар байни онҳо ҳукмрон буда, намунаи ибратбахши

иттиҳоди халқҳои моро ба субут мерасонанд. Дар ҷаҳони ислом низ тамоюле қувват пайдо кардааст, ки пайравони динҳои гуногун дар аслҳои миллӣ ва фарҳангӣ бо ҳам муттаҳид мешаванд. Масалан, адибон ва мутафаккирони масеҳимазҳаб дар инкишофи забон, адабиёти бадеӣ ва фарҳанги миллии арабӣ саҳми бештаре гирифта истодаанд. Аз ҷумла адибон Салим Бустонӣ, Насиф ал-Язиҷӣ, Ҷорҷ Зайдон, Фараҳ Антун ва дигарон дар ин ҷанба фаъолияти муассир нишон додаанд. Ин амалест, ки мутафаккирони тоҷик дар асрҳои миёна барои инкишофи фарҳангу тамаддуни миллӣ ва ҳам барои инкишофи фарҳанги исломӣ анҷом додаанд ва намунаи барҷастаи он осори Имоми Аъзам аст.

Манфиатҳои миллии мо тақозо мекунанд, ки пайвандҳои фарҳанги миллӣ ва динӣ нигоҳ дошта шаванд, унсурҳои динӣ ба пешрафти унсурҳои миллӣ бо нигоҳ доштани муқаддасоти худ кӯмак намоянд. Китоби муқаддас – Қуръони Карим, андешаҳо ва аъмоли му-тафаккирони исломӣ манобеъи саршор аз баёнот дар бораи ваҳдати иҷтимоӣ, фарҳанг ва ахлоқ аст ва шомили мизонҳое ҳастанд, ки дар байни мардум мавқеи устувор доранд. Дини ислом мазҳари ҳукми рӯҳонӣ ва ахлоқӣ аст, ки метавонад ба манфиати миллат ва таҳкими давлатдорӣ хизмат кунад. Он дар якҷоягӣ бо андешаи миллӣ метавонад ҳамаи сатҳҳои зиндагии мардумро фаро гирад ва ба маҷрои солими такомул ва пешравӣ равона кунад.

Шарти бақои ҳар миллат ва ҳар давлат бар асари ихтилофот низоъ накардани мардумони онҳо мебошад. Ба мардуми мусулмон ин беш ва пеш аз ҳама дахл дорад. Қуръони Карим мефармояд: «Аз Худо ва паёмбараш итоат кунед ва бо ҳам низоъ макунед, ки заиф мешавед ва ҳайбати шумо аз байн меравад. Сабр кунед ва Худо бо шикебоён аст». (Сураи Анфол, ояти 46).

Тавре ки дидем, Имоми Аъзам рӯҳи замони худро дуруст дарк намуда, барои ягонагии уммати исломӣ, бартараф намудани ҳар гуна ифрот дар масъалаҳои марбут ба ақида ва фиқҳи исломӣ, ҳифзи асолати фарҳангии қавмҳои гуногуни ҷаҳони ислом, махсусан урфу одатҳои мардумӣ ҳамчун сарчашмаи қонунгузории динӣ, тамоми нерӯи ахлоқӣ ва ақлонии худро бахшидааст.

Ӯ ҳамон тоҷики шарафмандест, ки равияи ақлонии фиқҳии исломиро поягузорӣ ва мактаби худро бунёд намудааст. Дар шароити имрӯза ба мақсади риоя ва татбиқи асли гуфтугӯи динҳо ва фарҳангҳо шинохти мероси бебаҳои ин фақеҳи бузург ҳам барои миллати тоҷик ва ҳам барои тамоми халқҳои мусулмон аҳамияти бузургеро молик аст.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# ИМОМИ АЪЗАМ ВА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Ба чопаш 21.02.2009 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/16 .
Қоғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопии шартӣ 2,25. Теъдоди нашр 5000.
Супориши № 12.

Маркази ҷумҳуриявии методию таълимии
Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯчаи А.Дониш, 50

Дар матбааи ҶДММ “ЭР-граф” чоп шудааст

734036, ш.Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218
тел: (37) 881-15-16